# ТАШАББУСИ БАШАРДӮСТОНА

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоду ташаббусҳои башардӯстонаи худ, роҳандозии густурдаи дипломатияи бисёрҷонибаи ҳамкорӣ дар соҳаи обу экология миёни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нақши созанда дорад ва ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро як кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили вобаста ба тағйирёбии иқлим ва обу экология эътироф менамояд.

Лозим ба ёдоварист, ки 14 декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми кишвари моро дар соҳаи об якдилона бо қабули қатъномаи махсуси худ тасдиқ кард ва он бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд. Тибқи ин қатънома, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон карда шуд ва аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряххо таҷлил карда мешавад.

Маврид ба зикр аст, ки моҳи марти соли 2021 зимни нахустин ҷаласаи пешвоёни Эътилофи обу иқлим, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён доштанд, ки обшавии босуръати пиряххо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки аз афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодӣ вобастагӣ дорад, метавонад ба оқибатҳои манфӣ оварда расонад. Бо ин мақсад, Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон пешниҳод намуданд, ки соли 2025 Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо ва «Рӯзи ҷаҳонии пиряххо» муайян гардида, Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо таъсис дода шавад. Боиси ифтихор аст, ки дар асоси ин қатънома пешниҳодҳои ироашудаи Президенти кишвар аз ҷониби кишварҳои узви СММ дастгирӣ ёфтанд.

Қатъномаи мазкур аҳамияти пиряххоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор зикр намудааст. Теъдоди зиёди ҳаммуаллифони қатъномаи мазкур бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва саҳми он барои ҳалли чолишҳои ҷаҳонӣ эътимод дорад.

Ба назари коршиносон солҳои охир сайёраи замин шоҳиди гармшавии бесобиқаи глобалӣ гардид, ки боиси хушксолӣ ва дигар офатҳои табиӣ дар миқёси ҷаҳон шуд ва ба таъмини амнияти озуқаворию дигар соҳаҳои иқтисодиёти дунё таъсири манфии худро расонид, —Аз ҷумла, обшавии барфу пиряххо ва яхбандии абадӣ таъсири доимӣ дошта, гармшавии глобалиро метавонад суръат бахшад».

Мутахассисони соҳа мегӯянд «Робита байни тағйирёбии иқлим, об, энергетика ва амнияти озуқаворӣ яке аз воситаҳои асосии ҳалли ин мушкилоти мураккаб мебошад. Ин нуқта барои Тоҷикистон махсусан муҳим аст, зеро қариб 80 фисади маҳсулоти кишоварзӣ дар заминҳои обӣ истеҳсол карда шуда, зиёда аз 98 фисади қувваи барқ дар мамлакат аз ҳисоби неругоҳҳои барқии обӣ ҳосил мегардад. Тоҷикистон аз рӯи тавлиди неруи барқи обӣ дар ҷаҳон ҷойи 6-умро ишғол мекунад ва метавонад ҳамчун манбаи «энергияи сабз» барои тамоми минтақа хизмат намояд ва баҳри ноил шудан ба Ҳадафҳои Рушди Устувор саҳми арзанда гузорад».

Тибқи нишондодҳо дар саросари ҷаҳон 200 000 пирях мавҷуд аст ва ҳоло онҳо 10 фисади сатҳи Заминро фаро мегиранд. Ба маълумоти олимону коршиносон пиряхҳо 1,86 фисад маҷмуи обҳои замин ва ҳамзамон обҳо дар гидросфераро ташкил медиҳанд. Аз ин бармеояд, ки манбаи асосии 90 дар сади оби тозаи сайёра пиряхҳо мебошанд. Дар Тоҷикистон мувофиқи маълумотҳои мавҷуда 8 492 пирях ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар маҷмуъ, масоҳати умумии пиряхҳои кишвар беш аз 8 476 км2 буда, ин пиряхҳо дар баландиҳои аз 3000 то 5300 метр аз сатҳи баҳр қарор гирифтаанд ва дар кӯҳҳои Помир, Ҳисору Олой ҷойгир буда, сарчашмаи асосии обҳои дарёҳои Сир, Зарафшон, Панҷ, Вахшу Аму мебошанд.

Коршиносон ба ин назаранд, ки дар натиҷаи зиёдшавии босуръати аҳолӣ ва фаъолияти корхонаҳои бузургӣ саноатӣ, рушди босуръати техникаву энергетика авзои экологии ҷаҳон сол то сол вайрон гардида, мушкилоти глобалиро афзунтар гардонидааст. Солҳост, ки кишварҳои ҷудогона ва минтақаҳо қудрати бартараф намудани ин ё он мушкилоти глобалиро надоранд ва зарурат ба миён меояд, ки танҳо бо талошҳои дастаҷамъӣ дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳалли мушкилотро имконпазир созанд. Мамлакати мо низ, ҳамчун ҷузъи пайвасти ҷомеаи башарӣ аз мушкилот ва таҳдиду хатарҳои глобалӣ дар канор буда наметавонад. Вақтҳои охир дар кураи Замин камшавии захираҳои обӣ, афзоиши истеъмоли он, тағйирёбии иқлим, обшавии пиряхҳо, ба ярч мубаддал гардидани кӯҳу теппаҳо ва дигар ҳодисаҳои табиии бароиояндаи башарият хатарафзо зиёд ба мушоҳида мерасанд. Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста кӯшиш менамоянд, ки таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ҷиҳати ҳалли саривақтии ин мушкилоти табиӣ ҷалб созанд.

Дар баробари тағйирёбии иқлим дигар омилҳое ҳам мавҷуданд, ки ба таври динамикӣ ба сайёраи мо таъсир расонида истодаанд. Аз ҷумла дар натиҷаи чунин таъсиррасонҳои манфии сокинони сайёра, сол то сол захираҳои обӣ дар ҷаҳон кам гардида, ба яке аз проблемаҳои глобалӣ, табдил ёфтааст. Пайгирони масъалаи мазкур мегӯянд, ҳоло дар ҷаҳон зиёда аз 3 миллиард сокинони сайёра аз норасоии оби тоза танқисӣ кашида, ба пешгуйи олимони соҳа ин нишондод то соли 2025 ба 4 миллиард одам дар курраи замин мерасад. Мушкилоти норасоӣ ва тақсимоти нодурусти оби сайёраро тамоми кишварҳои ҷаҳон эҳсос менамоянд ва барои ҳалли он чораҳои зарурииро роҳандозӣ менамоянд.

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ буда, ҷонибдори истифодаи самаранок ва оқилонаи манбаҳои асосии оби тоза, тавассути ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ аст. Инчунин дар таъмини кишварҳои поёноб бо оби ошомиданиву полезӣ саҳмгузор ба ҳисоб меравад. Ҳамин аст, ки кишвари мо бо ташаббусҳои башардустонаи роҳбари оқилу хирадмандаш пайваста ҷиҳати тақвият додани ҳамкорӣ ва дипломатияи об бо дигар кишварҳо ва ҳифзи обу пиряхҳо талош менамояд то дар ҳалли мушкилоти марбут ба об таъсиррасон бошад.

1.Таҳлилгарон мегӯянд дар баробари дигар проблемаҳои глобалӣ - тағйирёбии иқлим, экология ва мушкилоти марбут ба истифодаи захираҳои

обӣ агар дастаҷамъона андешида нашавад, сайёраи замин шоҳиди ҳодисаҳое нохуше хоҳад гашт, ки ба ҳаёти сокинони он хатар эҷод менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи мазкур солҳост, ки таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд ва дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар ҳамкорӣ бо созмону ташкилотҳои ҷаҳонӣ пайваста талош менамояд. Дар ин баробар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои вобаста ба об чандин ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз қабили Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов”, стратегияҳо ва барномаҳои давлативу соҳавиро таҳия ва қабул намуда, амалишавии лоҳияҳои ҷадидро бо назардошти беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, барқарорсозии иншооти обрасонӣ ва истеҳсоли “энергияи сабз”-ро бо ҷалби коршиносони маҳаллӣ ва байналмилалӣ ба роҳ монда дар ин раванд заминаи мусоид барои ҳамкорӣ ё дипломатияи обро бо кишварҳои ҷаҳон ба миён гузоштааст.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоду ташаббусҳои башардӯстонаи худ, роҳандозии густурдаи дипломатияи бисёрҷонибаи ҳамкорӣ дар соҳаи обу экология миёни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон нақши созанда дорад ва ҷомеаи ҷаҳонӣ Тоҷикистонро як кишвари ташаббускор дар ҳалли масоили вобаста ба тағйирёбии иқлим ва обу экология эътироф менамояд.

14 декабри соли 2022 Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми кишвари моро дар соҳаи об якдилона бо қабули қатъномаи махсуси худ тасдиқ кард ва он бо пуштибонии 153 кишвари узви СММ пазируфта шуд. Тибқи ин қатънома, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон карда шуд ва аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил карда мешавад.

3.Тибқи нишондодҳо дар саросари ҷаҳон 200 000 пирях мавҷуд аст ва ҳоло онҳо 10 фисади сатҳи Заминро фаро мегиранд. Ба маълумоти олимону коршиносон пиряхҳо 1,86 фисад маҷмуи обҳои замин ва ҳамзамон обҳо дар гидросфераро ташкил медиҳанд. Аз ин бармеояд, ки манбаи асосии 90 дар сади оби тозаи сайёра пиряхҳо мебошанд. Дар Тоҷикистон мувофиқи маълумотҳои мавҷуда 8 492 пирях ба ҳисоб гирифта шудааст. Дар маҷмуъ, масоҳати умумии пиряхҳои кишвар беш аз 8 476 км2 буда, ин пиряхҳо дар баландиҳои аз 3000 то 5300 метр аз сатҳи баҳр қарор гирифтаанд ва дар кӯҳҳои Помир, Ҳисору Олой ҷойгир буда, сарчашмаи асосии обҳои дарёҳои Сир, Зарафшон, Панҷ, Вахшу Аму мебошанд.

4.Дар баробари тағйирёбии иқлим дигар омилҳое ҳам мавҷуданд, ки ба таври динамикӣ ба сайёраи мо таъсир расонида истодаанд. Аз ҷумла дар натиҷаи чунин таъсиррасонҳои манфии сокинони сайёра, сол то сол захираҳои обӣ дар ҷаҳон кам гардида, ба яке аз проблемаҳои глобалӣ, табдил ёфтааст. Пайгирони масъалаи мазкур мегӯянд, ҳоло дар ҷаҳон зиёда аз 3 миллиард сокинони сайёра аз норасоии оби тоза танқисӣ кашида, ба пешгуйи олимони соҳа ин нишондод то соли 2025 ба 4 миллиард одам дар курраи замин мерасад. Мушкилоти норасоӣ ва тақсимоти нодурусти оби сайёраро

тамоми кишварҳои ҷаҳон эҳсос менамоянд ва барои ҳалли он чораҳои заруриро роҳандозӣ менамоянд.

5.Таҳлилгарон мегӯянд дар баробари дигар проблемаҳои глобалӣ - тағйирёбии иқлим, экология ва мушкилоти марбут ба истифодаи захираҳои обӣ агар дастаҷамъона андешида нашавад, сайёраи замин шоҳиди ҳодисаҳое нохуше хоҳад гашт, ки ба ҳаёти сокинони он хатар эҷод менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои мазкур солҳост, ки таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд ва дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар ҳамкорӣ бо созмону ташкилотҳои ҷаҳонӣ пайваста талош менамояд. Дар ин баробар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли масъалаҳои вобаста ба об чандин ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз қабили Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов”, стратегияҳо ва барномаҳои давлативу соҳавиро таҳия ва қабул намуда, амалишавии лоиҳаҳои ҷадидро бо назардошти беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби ошомиданӣ, барқарорсозии иншооти обрасонӣ ва истеҳсоли “энергияи сабз”-ро бо ҷалби коршиносони маҳаллӣ ва байналмилалӣ ба роҳ монда дар ин раванд заминаи мусоид барои ҳамкорӣ ё дипломатияи обро бо кишварҳои ҷаҳон ба миён гузоштааст.

Ҳаминро метавон ёдоварӣ намуд, ки масоили марбут ба тағйирёбии иқлим ва обу экология сол то сол мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор мегирад ва ба яке аз масъалаҳои муҳиму ҳалталаби глобалӣ табдил ёфтааст.

**Иззатуллоев Аликул Саидкулович,**
**Устоди ДМТ**